**Тақриз**

ба автореферати Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи тадқиқотии Рамазонов Давлат Сулаймонович, яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогӣ бахшида шудааст. Зеро коркарди масъалаи маҳорат, қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдод будан ва нобига эътироф шудан дар илмҳои фалсафа, сотсиология, фарҳангшиносӣ, психология, педагогика яке аз масъалаҳои доманадор, печида, баҳснок, гуногунҷабҳа буда, аз тарафи муҳаққиқон дар таҳқиқоти илмӣ мувофиқи объекту предмет, мақсаду вазифаҳои фанни омӯзишӣ мавриди тавзеҳу баррасӣ қарор дода шудааст.

Инкишоф додани қобилияти мусиқӣ ва эҷодӣ дар кӯдакони синни томактабӣ таъкид гардидааст, ки дар ин давра, кӯдакон ба омӯзиш бештар завқ доранд, таваҷҷуҳи нокифоя ба таълими мусиқии онҳо метавонад боиси иҷро нашуда мондани истеъдоди эҷодии онҳо гардад. Дар тадқиқот нишон дода шудааст, ки дар муҳити таълимӣ равоншиносон пешниҳоди истифодаи чунин таснифро ҳамчун васила барои дастгирӣ ва кӯмак ба кӯдакони лаёқатманд пешниҳод карда шавад. Ворид шудани равоншинос ба низоми муосири маориф муоина, ташхис ва дастгирии кӯдакони оқилу қобилро дар бар мегирад, ки онҳоро метавон дар рисола ҳамчун ганҷи тиллоии афроди лаёқатманд арзёбӣ гардидааст.

Дар рисолаи илмӣ муҳақиқ кӯдакону наврасонро барои фаъолияти эҷодии худ ба лаҳзаҳои ҳаловатбахшу таассуротҳои эҳсосӣ зиёдтар талабот доштанро ифшо намуда, ҷисму руҳи онҳо дар рушду камолёбӣ қарор доштанро арзёбӣ намудааст. Қонеъ гардондани ин ниёзмандӣ ба кӯдакон на танҳо ҳаловатбахш аст, инчунин воситаи муҳимми муайянкунии

қобилиятнокӣ, лаёқатмандии онҳо дар роҳи эҷодкорӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ (шунидану дарк намудани оҳанги мусиқӣ, садои асбобҳои мусиқӣ ва оҳангу услуби истифодаи асбобҳои мусиқӣ, хондани суруд, тақлид ба муаллим, рақсидан ва такрор кардани ҳаракатҳо, омӯхтани оҳангу асарҳои бачагона ва ғайраҳо), ба инкишоф ва қобилияти мусиқӣ, эҷодкорӣ мусоидат намуданро баррасӣ менамояд. Лозим ба зикр бояд намуд, ки дар автореферат ақидаи муаллиф муфассал љамъбаст карда навгониҳои илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

-дар автореферат эрод надорам.

Реферат рисолаи диссертатсия яке аз асари илмию тахассусӣ буда, ҳалли як масъалаи мубрами барои илм ва амалияи педагогӣ муҳимро дар бар мегирад. Диссертасия ба меъёрҳо мувофиқ буда, мувофиқ ба «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-ро Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаллифи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ- бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони
кафедраи педагогика, психология ва методикаи
таълим, факултети филологияи рус, рузноманигор
ва медиатехнологияи Донишгоҳи
Славянии Руссия Тоҷикистон Қурбонова З.Ш.

**Маълумот барои тамос:**

734025, Ҷумҳурии Таҷикистон, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзаде 30, телефон:(372213550), почтаи электоронӣ: http://www.rtsu.tj

Имзои Қурбонова З. Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳоӣ ДСРТ, д.и.ф. Раҳимов А. А.